**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Натиҷаи таҳлилу баррасӣ ва омузиши автореферати диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» нишон дод, ки дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ ва бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд он ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст.

Зимнан бояд эътироф намуд, муаллиф дар асоси истифодаи сарчашмаҳои нодир ва боэътимоди таърихӣ, андешаву назари олимону мутафаккирони тоҷику форс, доктринаҳои муосири илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, омӯзишу таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию миллӣ ва таҳлили муқоисавию ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта дар пайванди ба падидаи робитаи давлат ва шахс як таҳқиқоти маҷмуии фарогир, судманд, арзишманд ва комилро анҷом додааст.

Мавсуф дар асоси таҳқиқоти ҳамаҷонибаи падидаи мазкур ба хулосае меояд, ки ҳанӯз аз замони пайдоиши нахустин давлатҳо то замони мо давлат ҳамчун унсури муҳимии ҳаёти сиёсиии ҷомеа бо шахс пайванди ногусастанӣ дошта, ҳамчун сипари боэътимод ва кафили асосии таъмини ҳуқуқу озодӣ ва дахлнопазирии шахс ба ҳисоб меравад.

Дар воқеъ, дар замони муосир бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ, вазъи зудтағйирёбанда ва пешгӯйинашавандаи ҷаҳон, рушди

бемайлони муносибатҳои ҷамъиятӣ инсоният ба таҳдиду хатарҳои нави глобалӣ ба мисли терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, савдои одам ва дигар дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ рӯбарӯ шуда истодааст. Аз ин рӯ, муаллиф ба маврид ишора менамояд, ки дар чунин шароити ҳассос беш аз ҳар вақти дигар зарурияти ҷоннок намудан ва таҳкими робитаҳои давлат ва шахс эҳсос мешавад. Муаллиф собит намудааст, ки дар ҳар давру замон маҳз давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа қудрат, тавоноӣ ва имконияти таъмини амният, бехатарӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсро дорост.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда пас аз касби истиқлоли давлатӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар самти таҳкими робитаи давлат ва шахс марҳилаи нави таърихӣ ва заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар шароити кунунӣ анҷом додани ҳама гуна тадқиқотҳои арзишмандӣ илмӣ, ки ба коркард ва таҳияи таклифу тавсияҳои судманди илмӣ дар мавзуи робитаи давлат ва шахс иртибот доранд, аз ҳар ҷиҳат қобилӣ пазироӣ ва дастгирист. Дар маҷмӯъ, муҳаққиқ Миралиев И.Қ. ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои мубрам рӯ овардааст.

Диссертант дар муқаддимаи кор доир ба муҳиммияти мавзуи мавриди назар, дараҷаи илмии омӯзиши мавзуъ маълумот додааст.

Дар пайванди ба мавзуи мавриди назар ӯ ба маврид қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, давоми беш аз се даҳсолаи охир дар самти ҳуқуқи инсон як силсила қонунҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ таҳия ва қабул гардида, заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва ташкиливу воқеии робитаи давлат ва шахс фароҳам оварда шудаанд. Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарки таҳдиду хатарҳои замони муосир бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд як зумра санадҳои байналмилалиро ратификатсия намуд.

Дар қисмати муқаддимаи кор ба маврид ишора шудааст, ки таҳқиқоти илмии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи байнамилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ имконият медиҳад, ки таҷрибаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, давлатҳои ҷудогонаи ҷаҳон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки унсури бунёдии робитаи давлат ва шахс мебошад, ҷамъбаст ва таҳлил карда шавад. Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои модели миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити таърихӣ, ки дар кишварҳои ҷудогона ташаккул меёбад, ҳамчунин, дар шароити гуногунии фарҳангӣ ва тамаддунӣ муайян карда шаванд.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро илман асоснок ва мантиқан дуруст тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳқиқоти илмиро анҷом додааст. Рисола аз феҳрист ихтисорот, муқаддима, чор боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккул ва инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар ҷараёни таҳаввулоти ҳуқуқи инсон» ном дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба Ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс; ташаккул ва рушди назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар афкори Ғарб ва илми муосир; назарияҳои муосири робитаи давлат ва шахс ва нинкишофи назарияҳои муосири робитаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Боби дуюми рисола «Назария ва амалияи робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикисон» ном дошта, дар доираи боби мазкур масъалаҳои марбут ба модели конститутсионии робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; инкишофи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд; робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи амалӣ гардидани назарияи давлати иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ба маврид таъкид менамояд, ки вазъи ҳуқуқии шахс падидаи тағйирёбанда буда, аз шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеа вобаста аст. Вазъи ҳуқуқии имрӯзаи шахс

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазъи ҳуқуқие, ки солҳои 1990-ум ҷой дошт, фарқи куллӣ дорад.

Дар боби сеюми рисола, ки «Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон» ном дорад, муаллиф бо дарназардошти таҷриба ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ кардааст: инкишофи таҷрибаи ҷаҳонии эътироф, риоя ва амалисозии ҳуқуқи инсон; сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Аврупо; таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон»; сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар минтақаи Африқо ва давлатҳои дигар; сиёсати давлатҳои исломӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун заминаи рушди вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахс.

Дар заминаи пажӯҳиши фарогири масъала диссертант ба маврид ишора менамояд, ҳуқуқи инсон бидуни таълим самаранок амалӣ карда намешавад. Аз ин хотир, ба сатҳу сифати таълими ҳуқуқи инсон дар таҷрибаи хориҷӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ муаллфи нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи давлатҳо, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таълими ҳуқуқи инсон дар доираи фанни мустақил ё ҳамчун ҷузъи раванди умумии таълим ба роҳ монда шудааст.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс» ном дорад, муаллиф масъалаҳои вобаста ба сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди робитаи давлат ва шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; давлат ва шахс ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури сиёсати давлат дар соҳаи тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ; унсурҳои байналмилалӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълими ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар умум, ба муаллиф имкон даст додааст, ки дар асоси истифодаи адабиёт ва сарчашмаҳои фаровони илмӣ, сиёсиву ҳуқуқии олимони ватанӣ ва хориҷ, маъхазҳои нодири таърихӣ, доктринаҳои муосири илмӣ,

дастрасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърузаву баромадҳо ва Паёмҳои Пешвои муаззами миллат, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё дар самти робитаи давлат ва шахс мухтавои мазкурро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, хулосаву тавсияҳои асосноки назариявӣ пешниҳод намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили баррасишаванда муфид арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс ба роҳ монда шудааст. Таклифу пешниҳод, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои муаллиф илман асоснок ва арзишманд баҳогузорӣ мешаванд.

Ҳамзамон бо ин, дар автореферати диссертатсия нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд.

1. Дар нуктаи илмии панҷум, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, муаллиф менависад, ки дар доираи назарияҳои позитивистӣ, фитрӣ, фалсафӣ, либертарӣ ва дигар хулосаҳои гуногун оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон ҳосил мешаванд”. Муаллиф дар ин нуктаи илмӣ назарияҳои фитрӣ ва фалсафиро ҷудо мекунад, ҳол он ки назарияҳои фитрӣ ҷузъи назарияҳои фалсафӣ мебошанд. Аз ин хотир, нуқтаи назари муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст.

2. Дар нуктаи илмии ҳафтум, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, муаллиф зарурати таҳқиқи робитаи давлат ва ҳуқуқи инсонро бо масъалаҳои зерин асоснок мекунад: “вазъи ҳуқуқии инсон; доираи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон; таносуби вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд; кафолатҳои ҳуқуқи инсон”. Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки робитаи давлат ва ҳуқуқи инсонро бо вазъи ҳуқуқии инсон таҳлил намуда, айни замон мафҳуми маҳдуди вазъи ҳуқуқии инсонро қобили қабул мешуморад.

Эродҳои ишорашуда дар умум хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну моҳият ва эътибори баланди корро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи Миралиев Исфандиёр Қарахонович фарогири пурраи муҳтавои диссертатсия буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд аст.

Таҳқиқоти Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» як кори мутақили бунёдӣ буда, комилан ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Миралиев Исфандиёр Қарахонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Профессори кафедраи назария
ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муҳаммади И.С.

**Имзои Муҳаммади Изатулло Сайфуллоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадр**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Х.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 микр-н, бинои 1, тел.: + (992 3422) 23811, факс: +(992 3422) 25170, www.tsulbp.tj, e-mail: tsulbp@rambler.ru

«22» апрели **2024 г.**